Мушкилоти мавчудаи чахони муосир хар як мамлакатро водор мекунад, ки ба хифзи сарватхои маънавӣ, аз чумла захираи зехнии миллат, таваччухи хоса зохир намояд. Мавриди зикр аст, ки масъалаи амнияти зехнхо, чун чузъи мухочирати мехнатӣ дар Чумхурии Точикистон, мавриди тахкик карор дода шудааст. Ин нуктаро 21-уми майи соли равон директори Маркази тадкикоти стратегии назди Президенти Чумхурии Точикистон, Хуршед Зиёӣ зимни сухбати гирди миз, ки дар мавзӯи «Амнияти зехнӣ дар низоми амнияти миллӣ» баргузор шуд, таъкид намуд.

Дар хамоиш намояндагони вазорату идорахои давлатӣ, марказу пажӯхишгоххои илмию тадкикотӣ, коршиносон ва намояндагони воситахои ахбори омма ширкат варзида, мавзӯъхои «Чангхои менталӣ дар чахони муосир ва мавкеи Точикистон дар раванди муборизахои иттилоотӣ», «Амнияти зехнӣ – чузъи мухими амнияти миллӣ», «Пешгирии шомилшавии чавонон ба хизбу харакатхои ифротӣ, хамчун кафили амнияти зехнӣ дар низоми амнияти миллӣ», «Маърифати хукукии шахрвандон – калиди амнияти иттилоотӣ ва чомеаи шахрвандӣ», «Раванди мухочирати зехнхо ва таъсири он дар амнияти иктисодии кишвархо (тачрибаи чахонӣ)» ва дигар мавзӯъхои вобаста ба масъалаи амнияти зехнӣ ва накши он дар таъмини истиклолияти миллиро мавриди баррасӣ карор доданд.

Сардори Раёсати тахлили масъалахои ичтимоии Маркази тадкикоти стратегии назди Президенти Чумхурии Точикистон, доктори илми фалсафа Абдурахмон Курбонов зимни баромад зикр кард, ки Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар баробари таваччухи беандоза ба илму фарханг, хамчунин, сохаи маорифро «пояи асосии рушд ва амнияти кишвар» номидаанд. Масъалаи мухочирати нерухои аклонӣ, ки бо унвонхои «мухочирати зехнхо», «гардиши магзхо», «фирори магзхо», дар мачмӯъ аз кишвар баромада рафтани магзхо вомехӯранд, дар адабиёти илмии дунё, солхои 50-уми асри гузашта мавриди истифода карор гирифт ва аз хама кишвари осебпазир Эрон махсуб мешуд. То солхои 90-уми асри XX дар адабиёти илмии точик мафхуми «амнияти зехнӣ» вучуд надошт. Холо зери ин мафхум масоили марбут бо неруи зехнии миллат, химояи моликияти зехнӣ, нигохдории махсули мехнати фикрӣ фахмида мешавад. Бешубха, аз кишвархо рафтани олимону мутахассисони лаёкатманд ба раванди глобалӣ табдил ёфта, дар чомеаи чахонӣ масоили халталаб гардидааст. Мувофики маълумоти Хадамоти федералии омори давлатии Федератсияи Россия, аз соли 2007 то 2014 аз Точикистон 123 номзад ва 92 доктори илм дар ин кишвар барои зиндагии доимӣ ба кайд гирифта шудаанд, ки ба амнияти зехнии чумхурӣ бетаъсир наметонад. Дастовардхои мухочирон моли хамон кишваранд, ки дар он икомат доранд.

Зикр гардид, ки барои тахкими нерухои зехнии чумхурӣ ва пешгирии мухочирати нерухои

аклонӣ аз чониби макомоти дахлдор тадбирхои судманд андешида шавад, зеро таъмини амнияти зехнӣ дар кишвар ба онхо вобаста аст.

Дар охир, донишмандону коршиносон оид ба синну соли ба нафака баромадани кормандони илм ва хавасмандгардонии онхо, ба манзили зист таъмин кардани олимону мутахассисони чавон, ки дар захираи амнияти зехнии кишвар сахм доранд, пешниходхои муфид намуданд.

Абдухолик МИРЗОЗОДА,

http://sadoimardum.tj/maorif/ta-mini-amniyati-ze-n-mas-alai-mubram/